# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-100 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)**

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионии №8 аз 25.07.2026с.

Барои сазовор донистани Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ аз 18 майи соли 2026 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5), ки тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025 тахти №353/шд таъсис ёфтааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст (суратмаҷлиси №5 аз 23 майи соли 2026).

Довталаби дараҷаи илмӣ – Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич 15 майи соли 1990 дар оилаи коргар таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллаташ тоҷик.

Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич соли 2009 ба факултети молия ва қарзи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2013 зинаи бакалавриатро аз рӯйи ихтисоси таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ хатм кардааст. Солҳои 2013-2015 дар зинаи магистратураи донишгоҳи мазкур аз рӯйи ихтисоси таъминоти иқтисодии фаъолияти гумрукӣ таҳсил намудааст.

Солҳои 2019-2023 докторант (PhD) аз рӯйи ихтисоси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) таҳсил кардааст.

Вобаста ба ин, тибқи банди 22 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти академӣ аз 4 фан супоридааст.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2015 ҳамчун ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии донишгоҳи мазкур оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 то инҷониб ба сифати муаллими калони кафедраи фаъолияти

гумрукӣ дар муассисаи мазкур фаъолият менамояд.

Оиладор, соҳиби 3 фарзанд.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич**, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

**- Содиқова Шукрона Карчаевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар -** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба бахши иқтисодиёт - назарияи иқтисодӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илмии дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Хулосаи мусбат аз тарафи коршинос, доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Марказ Муртазозода Ораз Қарахон таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии раёсатҳои таҳлил ваояндабинии иқтисодиёти соҳавӣ ва таҳлили масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ муҳокима ва тасдиқ гардидааст (протоколи №2 аз 30.06.2026с.). Тақриз бо имзо ва муҳри директори МТС назди Президенти ҶТ, д.и.фалсафа., профессор Усмонзода Хайриддин Усмон тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) таҳқиқоти илмии нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи муқарраршудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳакимов Каримҷон

Савзаалиевич сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишори илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад.

**Феҳристи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**

*А. Интишорот дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:*

[1-М]. Ҳакимов, К.С. Асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат [Матн] / К.С. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2023.-№ 4-2 (50). - С. 459-469. ISSN: 2308-054X

[2-М]. Ҳакимов, К.С. Таҷрибаи хориҷии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи баъдисаноатӣ [Матн] / К.С. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 12. - С. 149-158. ISSN: 2413-5151

[3-М]. Ҳакимов, К.С. Арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Ҳакимов, Б.М. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2024. - № 12. - С. 188-199. ISSN: 2413-5151

[4-М]. Хакимов, К.С. Регрессионное моделирование влияние экономики знаний на экономический рост в Республики Таджикистан [Текст] / Б.М. Джумъаев, К.С. Хакимов // Экономика Таджикистана. - 2025. - № 12. - С. 48-61. ISSN 2310-3957.

*Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:*

[5-М]. Ҳакимов, К.С. Хусусияти ҷанбаҳои иттилоотӣ ва ташкилӣ дониши истеҳсолӣ дар замони муосир [Матн] // К.С. Ҳакимов // Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва низомҳои зеҳнӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (25-уми ноябри соли 2023). - Душанбе: ДБССТ. - 2023. - С. 293-297.

[6-М]. Ҳакимов, К.С. Масоил, замина ва шароити ташаккулёбии ҷомеаи баъдисаноатӣ дар раванди таҷрибаи хориҷии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати

давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд: маводи конфронси 1 илмӣ-амалии байналмилалӣ (19-20-уми январи соли 2024). - Душанбе: ДМТ. - 2024. - С. 555-562.

[7-М]. Ҳакимов, К.С. Таърифи баъдисаноатикунонии иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории сайёҳию саноатӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (2-уми ноябри 2023). - Душанбе: ДБССТ. - 2023. - С. 211-218.

[8-М]. Ҳакимов, К.С. Шарҳи назариявии мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории сайёҳию саноатӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (2-уми ноябри 2023). - Душанбе: ДБССТ. - 2023. - С. 206-210.

[9-М]. Ҳакимов, К.С. Мубрамияти вазъи муосир дар ташаккулёбии заминаҳои иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К.С. Ҳакимов, Б.М. Ҷумъаев // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (5-уми майи соли 2025). - Душанбе: ДБССТ, 2023. - С. 217-224.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шуданд:**

1. **Аз номи Ҳамдамзода Хурсанд Акбар, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" бо чунин эродҳо:**

- муаллиф таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои пешрафта оид ба ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд ба таври мухтасар овардааст, агар муаллиф истифодаи васеътари ин таҷрибаҳоро асоснок менамуд, сифати кор хубтар мешуд;

-баъзе тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, механизмҳои мушаххаси татбиқи онҳо дар шароити воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ шарҳ дода нашудаанд.

**2. Аз номи Мирзозода В.М., номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

-дар рисола нокифоя будани заминаи илмӣ-технологӣ ва инфрасохтори инноватсионӣ дар соҳаи донишбунёди саноатӣ дида мешавад, агар хуб мешуд муаллиф дар кори илмии худ технологияҳои рақамиро истифода менамуд;

-дар автореферат норасоии захираҳои инсонии баландихтисос барои рушди иқтисодиёти донишбунёд, мутахассисони соҳибтахассус дар соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, муҳандисӣ ва идоракунии инноватсия заруранд.

**3. Аз номи Сабриддини С., номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.дотсент, мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара**

**бо чунин эродҳо:**

-муаллиф таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро мавриди баррасӣ қарор додааст, вале таҳлили муқоисавии он бо шароити институтсионалӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонист васеътар пешниҳод гардад.

-баъзе тавсияҳои пешниҳодшуда хусусияти умумӣ дошта, ҷиҳатҳои алоҳидаи татбиқи амалии онҳо метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда муфассалтар тавзеҳ дода шаванд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду камбудиҳои автореферати диссертатсия муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи муаллифии*** илман асосноки мафҳуми «иқтисодиёти донишбунёд» дар асоси назарияҳои олимони хориҷиву ватанӣ пешниҳод шудааст, ки тибқи он иқтисоди донишбунёд, маҷмуи шартҳои иқтисодӣ барои такрористеҳсолкунӣ, нигоҳ доштан, паҳн кардан ва истифода бурдани дониш фаҳмида мешавад, ки ба принсипҳои мақсаднок ва натиҷабахш, доимӣ, дастрасӣ ва рақобат асос ёфтааст. Аз рӯйи консепсияи мазкур асоснок гардидааст, ки дар шароити гузариш ба ҷомеаи саноатикунонии босуръат ва иқтисоди донишбунёд дониш ба категорияи бунёдии иқтисодӣ табдил меёбад.

- ***исбот карда шудааст, ки а)*** дар замони муосир иқтисодиёти донишбунёд дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон омили асосии рушди иқтисодӣ ва эҷоди инноватсия аст; б) дар Тоҷикистон иқтисодиёти донишбунёд дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди доиравӣ қарор дошта, хусусиятҳои миллӣ гирифтааст ва бо шарти афзалиятдиҳӣ ба он метавонад ба яке аз соҳаҳои пешбари иқтисодиёти мамлакат мубаддал гардад; в) сатҳи рушди илм ва инноватсия, истифодаи технологияҳои нав, нақши сармояи инсонӣ ва раванди рақамикунонии истеҳсолот дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт нишондиҳандаҳои асосии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд мебошанд.

- ***ошкор карда шудааст, ки:*** болоравии нақши сармояи зеҳнӣ дар истеҳсолот, рушди илм ва инноватсия, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон, болоравии ҳиссаи хизматрасонӣ дар сохтори ММД, афзоиши хароҷот барои таҳсилот ва таҳқиқот, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсия аломатҳои муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд маҳсуб меёбанд;

- равишҳои методологии андозагирии иқтисодиёти донишбунёд ***асоснок карда шуда,*** афзалиятҳо ва нуқсонҳои методологияҳои ҷойдошта ошкор карда шуда, баҳодиҳӣ дар асоси шохиси интегралӣ тавсия дода шудааст; **собит карда шудааст, ки** рушди минбаъдаи иқтисодиёти

донишбунёд тахияи сиёсати инноватсионии ҳавасмандгардонӣ, тақвияти иштироки бахшҳои маориф ва соҳибкорӣ дар тиҷоратигардонии натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои пешрафтаи байналмилалиро тақозо менамояд;

- ***муаммоҳои калидӣ*** дар ташаккули иқтисодиёти донишбунёд муайян гардидаанд: а) кам будани маблағгузорӣ ба таҳқиқотҳои илмии бунёдӣ ва ихтироот дар кишвар; б) номувофиқӣ барои гузариш ба технологияҳои насли 5 ва 6, ки дар доираи он дониш зиёда аз 50 фисадро дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда ташкил менамояд; в) мавҷудияти монеаҳои институтсионалӣ дар самти вусъатдиҳии ҳамгироии илм бо истеҳсолот; г) дараҷаи ками дастгирии институтсионалии ташаббусҳои инноватсионӣ; д) набудани сармоягузории хусусӣ ба бахши илм ва механизми шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ дар ин самт; е) кам будани шумораи дархостҳо аз ҷониби резидентҳо барои патенти ихтироот; норасоии докторантон ва аспирантон дар соҳаҳои илмҳои дақиқ ва табиӣ.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод карда шудааст:*** барои гузаштан ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника дар иқтисодиёт, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, такмили заминаи ҳуқуқии танзими бозори дониши кишвар, татбиқи азнавсозии сохтории низоми таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани маданияти дохилифирмавии ширкатҳои истеҳсолӣ ва рушди технологияи маҷозӣ; роҳҳои такмили механизми истифодаи дониш, рушди фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ, баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, густариши рақамикунонии иқтисодиёт; барои рушди устувори соҳаи саноат истифодаи самараноки иқтидори илмӣ-технологӣ ва ислоҳоти инноватсионии низоми маблағгузории илм; гузариш ба технологияҳои насли 5 ва 6; қабули консепсияи муосири таҳсилот вобаста ба тағйироти гузарондашаванда дар иқтисодиёт ва хоҷагии ҷаҳонӣ бо дарназардошти афзалиятгузорӣ ба дониш, илм ва инноватсионӣ тавсия гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он**

- **муқаррарори** асосии кор бо мухтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда бо Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, корҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки ба масъалаи ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд

бахшида шудааст, мувофиқат мекунанд. Ҷанбаҳои назариявии коркардшуда ва тавсияҳои методологии пешниҳодшуда барои рушди пажӯҳишҳои илмии иқтисодӣ муфид хоҳанд буд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ғанигардонии заминаи илмӣ дар самти омӯзиши нақши дониш дар рушди иқтисодӣ, таҳлили хусусиятҳои ҳамоҳангсозии назарияҳои классикӣ ва муосири рушди иқтисодӣ ва мусоидат ба такмили минбаъдаи асосҳои методологии иқтисодиёти донишбунёд ифода меёбад.

- ***таҳлили*** мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии саноатикунонии босуръат гузаронида шуда, хусусиятҳои умумии он ва таърифҳои нави мафҳумҳои «иқтисодиёти иттилоотӣ» ва «иқтисодиёти ба дониш асосёфта» пешниҳод карда шудаанд, ки ҷанбаҳои ташкилӣ ва институтсионалии аҳаммияти онро дар шароити миллӣ ва байналмилалӣ асоснок мегардонад. Афкори олимон нисбати шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд, равишҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодии тавзеҳи он низомбандӣ карда шуда, хусусиятҳои хос ва унсурҳои таркибии иқтисодиёти донишбунёд муайян карда шудаанд.

-***исбот шудааст***, ки такмили минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи иқтисодиёти донишбунёд бо дарназардошти амиқтари даъватҳои рақамигардонӣ, рақобати ҷаҳонии дониш ва зарурати ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ сурат гирифта, раванди гузаришро ба иқтисодиёти донишбунёд метезонад ва коркарди стратегияи дарозмуҳлати устуворгардонии сохтори он ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, таҳкими заминаи истеҳсолӣ ва ҳамгироии он ба фазои ҷаҳонии инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Далелҳои илмию назариявии овардашуда фарзияи таҳқиқотро оид ба гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар метезонад ва боло бурдани сатҳи рушди илм ва инноватсия, истифодаи технологияҳои нав, тақвияти нақши сармояи инсонӣ ва раванди рақамикунонии истеҳсолотро дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт имконпазир мегардонанд.

Таҳқиқот ба истифодаи маҷмуи усулҳои умумиилмӣ (таърихӣ, таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ) ва махсус асос ёфтааст; маҷмуи усулҳои омӯзиши иқтисодиёт (таҳлили коррелятсионӣ, таҳлили регрессионӣ) низ истифода шуда, **модели содакардашудаи** таъсири нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия бо он тасдиқ карда мешавад, ки:**

– **муқарраротי асосӣ** ва натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми таҳияи нақшаҳо ва дастурҳои таълимӣ, матнҳои лексияҳо аз фанҳои “Назарияи иқтисодӣ”, “Иқтисодиёти рақамӣ”, “Иқтисоди инноватсионӣ”, “Макроиқтисодиёт” ва “Фаъолияти инноватсионӣ” барои донишҷӯён,

магистрантон ва докторантҳои PhD (**санади №093 аз 29.08.2025с.**) ва дар Муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот"-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (**санади №15-92 аз 15.10.2025с.**) истифода бурда мешаванд.

- **тавсияҳо** барои ташаккули иқтисодиёти донишбунёд пешниҳод карда шудаанд - гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои маориф, илм, рақамикунонӣ, омодасозии кадрҳо, мукаммалгардонии заминаҳои институтсионалӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ; қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи моликияти зеҳнӣ, литсензиякунонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод гардидааст, ки дар онҳо механизми дастгирии стартапҳо хамроҳ карда шавад. Гузаронидани ислоҳоти сохторӣ дар самти ташвиқи истифода ва ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ, маблағгузории илм ва маориф, ҷудо намудани субсидияҳо барои пешниҳоди дархостҳои патентӣ, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, баланд бардоштани нақши донишгоҳҳо ҳамчун марказҳои тавлид ва интиқоли технологияҳо имкон медиҳад, ки раванди ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар тақвият ёбад.

- **механизмҳои** ташкилӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони иқтисодиёти донишбунёд, механизми ташкилӣ-институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд, механизми иқтисодии дастгирии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд таҳия карда шудаанд, ки барои рушди иқтисодиёти донишбунёд нигаронида шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки онҳо ба таҳлили пурраи корҳои илмии муаллифони гуногун дар мавзуи таҳқиқшуда, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт такя менамоянд. Таҳқиқоти илмӣ ба самти корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Маводи маҷаллаҳои махсуси илмии соҳавӣ, маълумоти оморӣ, натиҷаҳои пурсишҳои муаллиф истифода шуда, корбурди дурусти усулҳои муназзами ҳалли мушкилот дар соҳаи иқтисодиёт таъмин карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо, ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд:

- **назарияи илман асоснок** дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат, баланд бардоштани ҳиссаи дониш дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда, устуворгардонии низоми маориф ва илм пешниҳод гардидааст, ки имконияти таъмини рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфтаро дар кишвар фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

– **ғояи таҳқиқот** оид ба ташаккул ва рушди иқтисоди донишбунёд аз

омӯзиши дастуру супоришҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар ин самт, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, истифода аз маводи конференсияҳо ва интишороти илмӣ сарчашма мегирад;

– истифодаи усулҳои ташхис ва таҳлили вазъи ҷории ташаккул ва рушди иқтисоди донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат бо такя ба таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ дараҷаи баланди эътимоднокӣ ва татбиқи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ мекунад;

– барои тасдиқи фарзия ва хулосаҳо маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти амалӣ, аз ҷумла таҳлили ташаккули модели инноватсионии рушд ҳамчун асоси гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар истифода шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**-муайян карда шуд, ки** натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид шуда, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи «Антиплагиат» сароҳатан сатҳи онро 89,05% ва 84,92% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар рушди назария ва амалияи ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ифода меёбад ва чунин ҷанбаҳои асосиро, ки аз ҷониби худи муаллиф мустақилона анҷом дода шудаанд, дар бар мегирад:

– таҳияи пойгоҳи назариявии таҳқиқот, аз ҷумла пешниҳоди консепсияи муаллифии мафҳуми «иқтисодиёти донишбунёд» ва таҳлилу таснифоти андешаи олимон оид ба ин мафҳуми нави иқтисодӣ;

– омӯзиши консепсияҳои назариявии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодӣ дар такя ба заминаи мураккаби байнисоҳавӣ, ки назарияҳои сармоя, пешрафти технологӣ ва таъминкунии институтсионалии рушдро фаро мегирад;

- пешниҳоди тавсияҳо оид ба суръатбахшии рушди иқтисодиёти донишбунёд;

– таҳқиқи вазъи феълии ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар асоси рушди сармояи инсонӣ, ҷорисозии инноватсияҳо, иқтисодиёти рақамӣ, омодакунии кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, ислоҳоти соҳаи илм ва маориф;

– таҳияи методологияи арзёбии имкони рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои қонунгузорӣ ва муҳити иқтисодии мамлакат;

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқот дар тамоми зинаҳои таҳқиқот, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамӣ ва аҳаммияти он барои илми иқтисодиёт, муқаррар кардани мақсад ва иҷрои

вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудаанд.

Муқаррароти асосии диссертатсия дар 9 кори илмӣ инъикос ёфтааст, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки тули солҳои 2019-2025 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза гардида, баҳои мусбат гирифтаанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ) кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ махсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявии иқтисодиёт саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25 июли соли 2026 қарори сазовор донистани Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 12 нафар (2 нафар онлайнӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла доктолони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда - 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Раҳимов С.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**

25 июли соли 2026